# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсия Саидова Шаҳноза Икромидиновна дар мавзуи: «Синтез, таҳқиқи аминокетонҳои 2,3-дигидробензо [β]тиофенӣва 1-тиохроманӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.03 – «Химияи органикӣ» пешниҳод гардидааст**

Мавзуи интихобкардаи рисолаи номзадии Саидова Шаҳноза Икромидиновна аз рӯйи ихтисоси 02.00.03 – «Химияи органикӣ» бешубҳа муҳим аст.

Истифодабарии тамоми навъҳои пайвастаҳои сулфурдор танҳо дар сурати пурра донистани сохт, хосиятҳои химиявӣ ва физикавӣ имконпазир аст. Бинобар ин коркарди усулҳои нави синтези пайвастаҳои сулфурдор ва омӯзиши ҳамаҷонибаи тағйирёбии онҳо чун аз ҷиҳати инкишофи синтези органикӣ ва химияи нефт ва раванди истеҳсолот аҳамияти калон дорад. Дар робита бо ин омӯзиши хусусиятҳои химиявӣ ва дигар хусусиятҳои махсуси пайвастаҳои синтезии нефтии намунавӣ ва истифодаи онҳо дар реаксияҳои химиявӣ барои ҷудокунӣ ва истифоодабарии пайвастаҳои сулфурдори нефт муҳим мебошад.

Маҳсулотҳои аз нефтҳо гирифташуда, ба мисоли ингибиторҳои зангзанӣ (карозионӣ) ҳангоми коркарди чоҳҳо як қатор бартариҳо дорад.Одатан онҳо заҳролуд нестанд ва пайвастаҳои ба таркиби нефт монанд доранд ва сифати маҳсулоти истихроҷшударо паст намекунад.

Дар шарҳи асоси корҳоисолҳоиохир, ки дар онҳотаркиби сохторӣ-гурӯҳии сулфидҳо, тиофенҳо ва меркаптанҳо, қисми дистиллятии нефтҳои маъмулӣ омӯхташудааст дида баромада мешавад. Муҳокимаи корҳо, ки ба омӯзиши табдилоти химиявӣ ва имконияти истифодаи пайвастаҳои сулфурдори таркиби нефтбуда бахшида шудааст ва таҳлили нақшаҳои ҷудокунии пайвасатҳои сулфурдор аз дистиллятҳои таркиби нефт гузаронида шудааст.

Дар натиҷаи таҳқиқотҳои мунтазаме, ки Саидова Ш.И. шароити оптималии синтези як қатор ҳосилаҳои нависулфурпайвастаҳои бисиклӣ ба вуҷудоварда шуда, таркиб ва сохти моддаҳои синтезшуда бо усулҳои гуногуни таҳқиқоти физикӣ-химиявӣ муайян кардааст, ки шубҳае нест. Вай ба коркардабаромадани усулхои нави пайвастаҳои органикии бисёр функсионалии гетеросиклӣ, ки дарякҷоягӣ самти нави ояндадор дар синтези органикӣ мебошад, муваффақ шудааст.

Тибқи автореферати диссертатсия маълум мешавад, ки кори диссертасионии Саидова Ш.И.,ки дар дараҷаи дурусти таҷрибавию назариявӣ иҷро карда шудаанд, натиҷаҳо ва шарҳу эзоҳоти онҳо, инчунин хулосаҳои баровардашуда боэътимод ва аз чиҳати илмӣ асоснок мебошанд.

Умуманкортаассуротихелехубмебахшад. Автореферат равшану возеҳ навишта шудааст, натичаи кори диссертатсияро инъикос мекунад. Натиҷаҳои бадастомада бешубҳа, бо маълумоти адабиёт мувофиқанд ва

бо мувофиқати маълумоти таҷрибавӣ ва ҳисобшуда тасдиқкарда мешаванд.

Кор аз ҷиҳати ҳаҷм, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, навоварӣ ба талаботи «Низомнома дар бораи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶумҳурииТоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023 №295 барои рисолаҳои номзадӣ тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи он бе шак, сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.03 – «Химияи органикӣ» мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Доктори илмҳои химия,
профессори кафедраи биоорганикӣ
ва физколлоидии МДТ «ДДТТ
ба номи Абуалӣ ибни Сино» Файзилов И.У.

«24» 05 соли 2025

Суроға: 734063, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Маяковский 69/2,
ҳуҷраи 37
Тел.: (+992) 918 40 22 11,
E-mail:ikrom.fayzilov@mail.ru

Имзои И.У. Файзилов -ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати рушди кадрии МДТ“ДДТТ ба номи
Абуалӣ ибни Сино” , н.и.т. Сафаров Б.И.
Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, н. Сино, куч.Сино 29-31
Тел.: (+992) 446 600 3977, 235 34 96,
E-mail: info@tajmedun.tj
“24” 05 соли 2025